*Приложение №1 к Технологической карте "Процедура подключения юридических лиц к системе Онлайнбанк в ЗАО «Халык Банк Таджикистан"*

**ШАРТНОМА**

**оид ба хизматрасонии бонкӣ бо истифода аз шабакаи Интернет**

**№**

ш. Душанбе «__» _____ 2019 с.

Ҷамъияти Саҳомии Пӯшидаи “Халық Бонк Тоҷикистон”, минбаъд “Бонк”, дар шахси Сардори Идораи Амалиётии (Номи пурра), ки дар асоси Ваколатномаи тахти __________ аз «___» ______ 2019 с, амал менамояд, аз як тараф ва (номи корхона) минбаъд “Мизоҷ”, дар шахсияти (вазифа) (Номи пурра) ки дар асоси Оинномa фаъолият мекунад, аз тарафи дигар, ки дар якҷоягӣ “Тарафҳо” номида мешаванд, Шартномаи мазкурро бо чунин мазмун ба имзо расониданд:

## 1. ШАРҲИ МАФҲУМҲО

1.1. ***Onlinebank*** – системаи худкори компютерӣ-модемӣ, ки имконияти табодулро тавассути сайти интернетии www.onlinebank.tj бо санадҳои электронии аз тарафи Мизоҷ таҳиягашта, ки ҳангоми хизматрасониҳои дар Шартномаи мазкур пешбинишуда ба Бонк дастрас мегардад, таъмин мекунад.

1.2. ***Имзои рақамии электронӣ (ИРЭ)*** – аломатчинии ягона, ки ба воситаи сертификати электронӣ ва ИРЭ-и шахси ваколатдор тартиб дода мешавад. Имзои рақамии электронӣ дурустӣ ва тағирнопазирии санади электрониро баъди гузоштани имзои рақамии электронӣ дар он, инчунин муаллифии Тарафи имзогузошта ва ризоияти ӯро бо мазмуни санади электронӣ тасдиқ мекунад.

1.3. ***Сертификати электронӣ*** – аломатчинии ягонаи иборат аз файлҳо бо калидҳои пӯшида (сиррӣ) ва кушода (оммавӣ), ки ба яке аз Тарафҳо мутааллиқ мебошад ва барои тартиб додани имзои рақамии электронӣ истифода мешавад. Муҳлати амали сертификати электронӣ се сол аз лаҳзаи тартиб додани он мебошад. Баъди анҷоми муҳлати зикршуда сертификати электронӣ иваз карда мешавад.

1.4. ***Санади электронӣ*** – санаде, ки дар он маълумот дар шакли электронӣ пешниҳод гардида, бо имзои рақамии электронӣ аз ҷониби яке аз Тарафҳо ё ҳарду Тараф тасдиқ карда шудааст.

**ДОГОВОР**

**об оказании банковских услуг с использованием сети Интернет**

**№**

г. Душанбе «__» _____ 2019 г.

Закрытое Акционерное Общество “Халый Банк Таджикистан, именуемое в дальнейшем “Банк”, в лице Начальника Операционного Управления (ФИО), действующего на основании _______________ от « __» _________ 20__ года с одной стороны, и (наименование компании), именуемый в дальнейшем “Клиент”, в лице (Должность) (ФИО), действующего на основании Устава с другой Стороны, совместно именуемые “Стороны”, заключили настоящий Договор о нижеследующем:

## 1. ОПРЕДЕЛЕНИЯ

1.1. ***Onlinebank*** – автоматизированная компьютерно-модемная система, обеспечивающая возможность обмена через интернет-сайт www.onlinebank.tj электронными документами, формируемыми Клиентом для получения Банком при предоставлении услуг, предусмотренных настоящим Договором.

1.2. ***Электронная цифровая подпись (ЭЦП)*** - уникальный набор символов, сформированный посредством электронного сертификата и ЭЦП уполномоченного лица. Электронная цифровая подпись подтверждает достоверность, неизменность электронного документа после его подписания электронной цифровой подписью, а также авторство Стороны, его подписавшей, и ее согласие с содержанием подписанного электронного документа.

1.3. ***Электронный сертификат*** - уникальный набор символов, состоящий из файлов с закрытыми (секретными) и открытыми (публичными) ключами, принадлежащий одной из Сторон и используемый для формирования электронной цифровой подписи. Срок действия электронного сертификата три года с момента его формирования. По истечении указанного срока электронный сертификат подлежит замене.

1.4. ***Электронный документ*** – документ, в котором информация представлена в электронном виде и подтверждена электронной цифровой подписью одной из Сторон, либо обеих Сторон.

ОБРАЗЕЦ

С тарифами на оказываемые услуги Банка – «Ознакомлен» ______________

1.5. ***Санади электроннии Мизоҷ*** – санади электронӣ, ки бо имзои рақамии Мизоҷ имзогузорӣ шудааст.

1.6. ***Гардонандаи калид*** – махзани ҳифзшаванда (токен/смарт-корт), ки файлҳои барои шахси ваколатдор тартибдодашудаи сертификати электрониро дарбар мегирад.

1.7. ***Қарордоди электронӣ*** – қарордоди дар системаи бонкӣ тибқи шартномаи коғазӣ сабтшуда, ки дар он суратҳисобҳои вобаста, рӯйхати шахсони ваколатдор ва ваколатҳои онҳо инъикос ёфтааст.

1.5. ***Электронный документ Клиента*** – электронный документ, подписанный электронной цифровой подписью Клиента.

1.6. ***Носитель ключа*** – защищенное хранилище (токен/смарт-карта), содержащее файлы сформированного уполномоченному лицу электронного сертификата.

1.7. ***Электронный контракт*** – контракт, зарегистрированный в банковской системе согласно бумажному договору, в котором отражаются привязанные счета, список уполномоченных лиц и их полномочия.

## 2. МОҲИЯТИ ШАРТНОМА

2.1. Бонк бо истифода аз системаи “Onlinebank” ба Мизоҷ хизмат мерасонад.

2.2. Номгӯи хизматҳои бонкӣ, ки аз тарафи Бонк бо истифода аз системаи “Onlinebank” ба Мизоҷ расонида мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- мубодила (харид/фурӯш)-и асъори хориҷӣ;
- қабули супоришҳои пардохтӣ барои анҷоми интиқолҳо бо асъори миллӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла:
- пешниҳоди иқтибосҳо аз суратҳисобҳои бонкии Мизоҷ;
- пешниҳоди ахбор дар бораи қурбҳои асъор ва дигар ахбори молиявӣ-маълумотӣ.

2.3. Мизоҷ эътироф мекунад, ки гирифтани Санадҳои электронии Мизоҷ аз тарафи Бонк бо гирифтани санадҳои шакли коғазӣ, ки бо гузоштани имзоҳо мувофиқи санадҳои дарбаргирандаи намунаи имзоҳо ва пайи муҳри Мизоҷ тасдиқ гардида, ба Бонк пешниҳод шудаанд, ҳаммаъно мебошад. Мизоҷ ба Бонк ҳуқуқ медиҳад, ки Санадҳои электрониро дар баробари санадҳои шакли коғазии тасдиқгардида бо гузоштани имзоҳо тибқи санадҳои ба Бонк пешниҳодшудаи дарбаргирандаи намунаи имзоҳо ва пайи муҳри Мизоҷ истифода барад.

2.4. Тарафҳо тасдиқ мекунанд, ки дар муносибатҳои дуҷонибаи Тарафҳо Санадҳои электронӣ ва санадҳои шакли коғазӣ, ки аз ҷониби шахсони ваколатдори Тарафҳо бо усули муқаррарӣ имзо шудаанд, қувваи баробари ҳуқуқӣ доранд.

## 2. ПРЕДМЕТ ДОГОВОРА

2.1. Банк осуществляет обслуживание Клиента с использованием системы “Onlinebank”.

2.2. Перечень банковских услуг, оказываемых Банком Клиенту с использованием системы «Onlinebank», включает в себя:

- конвертацию (покупка/продажа) иностранной валюты;
- прием платежных поручений на осуществление переводов в национальной и иностранной валюте, в том числе:
- предоставление выписок по банковскому счету Клиента;
- предоставление информации о курсах валют и другой финансово-справочной информации.

2.3. Клиент признает, что получение Банком Электронных документов Клиента юридически эквивалентно получению документов на бумажном носителе, заверенных подписями в соответствии с документом с образцами подписей и оттиском печати Клиента, предоставленными в Банк. Клиент дает право Банку использовать Электронные документы Клиента наравне с документами на бумажном носителе, заверенными подписями в соответствии с предоставленным в Банк документом с образцами подписей и оттиска печати Клиента.

2.4. Стороны удостоверяют, что считают юридически эквивалентными во взаимоотношениях Сторон Электронные документы и документы на бумажном носителе, подписанные уполномоченными лицами Сторон обычным способом.

## 3. ГАРДОНАНДАИ КАЛИД ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

3.1. Мизоҷ ва Бонк эътироф мекунанд, ки:

## 3. НОСИТЕЛЬ КЛЮЧА И ЭЛЕКТРОННАЯ ПОДПИСЬ

3.1. Клиент и Банк признают, что:

ОБРАЗЕЦ

1) барои тасдиқи Санадҳои электронии ба Бонк фиристодашаванда Сертификатҳои электронӣ, ки аз ҷониби шахсони ваколатдори Мизоҷ ба ҳайси шахсони воқеӣ дар Бонк гирифта шудаанд, истифода бурда мешаванд (рӯйхати шахсони воқеӣ мувофиқи Аризаҳо ба ИРЭ, ки Мизоҷ ба Бонк пешниҳод намудааст, муайян карда мешавад);

2) Санадҳои электронии аз ҷониби Бонк тавассути системаи «Onlinebank» гирифташуда, ки ИРЭ-и шахсони ваколатдори Мизоҷ тибқи шартҳои Шартнома ба он пайванд карда шудаанд, Санадҳои электронии Мизоҷ ҳисобида мешаванд. Гирифтани чунин Санадҳои электронӣ аз ҷониби Бонк бо гирифтани санадҳо дар шакли коғазӣ, ки бо гузоштани имзоҳо мувофиқи санадҳои дарбаргирандаи намунаи имзоҳо ва пайи мухри Мизоҷ тасдиқ гардида, ба Бонк пешниҳод шудаанд, ҳаммаъно мебошанд;

3.2. Ахбор дар гардонандаи калид ва парол, ки дастрасӣ ба ИРЭ-и шахси ваколатдори Мизоҷ (минбаъд – Парол)-ро ҳифз мекунад, ахбори махфӣ мебошад.

3.3. Парол метавонад аз ҷониби соҳиби ИРЭ мустақилона тавассути воситаҳои барномавӣ тағир дода шавад.

3.4. Тағири ахбори дар гардонандаи калид ҳифзшаванда нораво аст. Ба истиснои тағироте, ки аз ҷониби барнома ба таври худкор гузаронида мешавад.

Тарафҳо тасдиқ мекунанд, ки шахсони зерини Мизоҷ дар доираи ваколатҳои худ хуқуқи имзо кардани Санадҳои электронии пардохтро доранд:

*Гурӯҳи якум:*

(Номи пурра)

*Гурӯҳи дуюм:*

(Номи пурра)

Кормандони Мизоҷ, ки дар банди зерин номбар шудаанд, бояд дар санад бо намунаи имзоҳо ва пайи мухр, ки аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк пешниҳод мешавад, зикр гардида, ваколатҳои онҳо ба таври даркорӣ бо тартиб додани боваринома/санадҳои муассисӣ/фармон тасдиқ карда шаванд.

3.5. Санадҳои электронии пардохт барои анҷоми амалиётҳо, ки тибқи талаботи қонунгузории ҷорӣ асъорӣ ба ҳисоб мераванд, аз ҷумла барои харид/фурӯши асъори хориҷӣ, аз ҷониби Бонк барои иҷро танҳо дар ҳолати мавҷудияти санадҳое, ки мувофиқи қонунгузории асъории Ҷумҳурии

1) для подтверждения направляемых в Банк Электронных документов будут использоваться Электронные сертификаты, полученные в Банке уполомоченными лицами Клиента в качестве физических лиц (список таких лиц определяется исходя из предоставленных Клиентом в Банк Заявлений на ЭЦП);

2) полученные Банком через систему «Onlinebank» Электронные документы, скрепленные ЭЦП уполномоченных лиц Клиента с учетом условий Договора, будут являться Электронными документами Клиента. Получение Банком таких Электронных документов юридически эквивалентно получению документов на бумажном носителе, заверенных подписями в соответствии с документом с образцами подписей и оттиском печати Клиента, предоставленным в Банк;

3.2. Информация на носителе ключа и пароль, защищающий доступ к ЭЦП уполномоченного лица Клиента (далее - Пароль), являются конфиденциальной информацией.

3.3. Пароль может изменяться владельцем ЭЦП самостоятельно программными средствами.

Изменение информации, хранящейся на носителе ключа, недопустимо. Исключение составляют изменения, производимые программой автоматически.

3.4. Стороны удостоверяют, что право подписывать платежные Электронные документы имеют следующие работники Клиента в рамках своих полномочий:

*Первая группа:*

(ФИО)

*Вторая группа:*

(ФИО)

Работники Клиента, перечисленные в настоящем пункте, должны быть указаны в документе с образцами подписей и оттиском печати, представляемом Клиентом в Банк, а их полномочия подтверждены надлежащим образом оформленной доверенностью/учредительными документами/приказом.

3.5. Платежные Электронные документы на осуществление операций, являющихся в соответствии с требованиями действующего законодательства валютными, в том числе на покупку/продажу иностранной валюты, принимаются Банком к исполнению только при

ОБРАЗЕЦ

Тоҷикистон ба пешниҳод талаб карда мешаванд, қабул мегарданд.

3.6. Ҳангоми табодули Санадҳои электронӣ Тарафҳо ҳолати Санади электрониро дар системаи “Мизоҷи электронӣ” ба назар мегиранд:

- **«ҚАБУЛ»** - санад аз ҷониби тарафе, ки ба ӯ фиристода шуда буд, ба баррасӣ қабул шуд;
- **«НУҚСОН»** - Санади электронӣ хилофи талаботи Шартномаи мазкур тартиб дода шуда, санҷиши пешакиро дар системаи «Мизоҷи электронӣ» нагузашт;
- **«БОЗГАШТ»** - Санади электронии Мизоҷ аз тарафи Мизоҷ бозхонд шуд ё аз ҷониби Бонк, мувофиқи шартҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шартномаи мазкур муқарраргардида, бе иҷро баргардонда шуд;
- **«КОРКАРДШУДА»** - Санади электронии Мизоҷ аз тарафи Бонк ба иҷро расид.

## 4. ӮҲДАДОРИҲОИ БОНК

4.1. Дар муддати 3 (се) рӯзи кори баъди пардохти арзиши насби системаи “Мизоҷи электронӣ” ва омодагии техникии Мизоҷ (б.5.1-и Шартномаи мазкур):

– пешниҳоди гардонандаи калидҳо ва парол, ки ба таври ҳаммаъно Мизоҷро муайян мекунад ва иҷрои санадҳои электронии ба Бонк додашавандаи Мизоҷро дастрас мегардонад;

– омӯзонидани тарзи кори системаи «Onlinebank» ба корманди Мизоҷ.

4.2. Корҳои аз ҷониби Бонк иҷрошуда, ки дар б. 4.1.-и Шартномаи мазкур зикр шудаанд, тавассути “Санади иҷрои корҳо”, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ба ҳисоб меравад, ба расмият дароварда мешаванд.

4.3. Қабули Санадҳои электронии Мизоҷ аз тарафи Бонк ба таври шабонарӯзӣ ба роҳ монда мешавад, аз ҷумла дар рӯзҳои истироҳат ва ҷашнҳо. Иҷрои Санадҳои электронии қабулшуда аз ҷониби Бонк тибқи б.4.6-и Шартномаи мазкур сурат мегирад.

4.4. Санадҳои электронии Мизоҷ аз тарафи Бонк барои иҷро танҳо дар ҳолати мувофиқи б.5.5-и Шартномаи мазкур тартиб дода шудан ва мавҷудияти Имзои рақамии электронии шахси ваколатдори Мизоҷ қабул карда мешаванд.

4.5. Дар ҳолати мувофиқи Шартномаи мазкур пешниҳод намудани Санади электронӣ оид ба суратҳисоби дар Бонк кушодаи Мизоҷ, ки дар ҳамон рӯзи амалиётии Бонк дар суратҳисоби

наличии документов, требуемых к представлению в соответствии с валютным законодательством Республики Таджикистан.

3.6. При обмене Электронными документами Стороны учитывают статус Электронного документа в системе «Электронный клиент»:

- **«ПРИНЯТ»** - документ принят к рассмотрению стороной, которой он был адресован;
- **«СБОЙ»** - Электронный документ оформлен с нарушением требований настоящего Договора и не прошел предварительную проверку в системе «Электронный клиент»;
- **«ВОЗВРАТ»** - Электронный документ Клиента отозван Клиентом или возвращен Банком без исполнения в случаях, установленных законодательством Республики Таджикистан и настоящим Договором.
- **«ОБРАБОТАН»** - Электронный документ Клиента исполнен Банком.

## 4. ОБЯЗАТЕЛЬСТВА БАНКА

4.1. В течение 3 (трех) рабочих дней после оплаты стоимости установки системы «Электронный клиент» и технической готовности Клиента (п.5.1 настоящего Договора):

– предоставить носитель ключей и пароль, однозначно идентифицирующие Клиента и позволяющие исполнять электронные документы Клиента, передаваемые в Банк;

– обучить сотрудника Клиента работе с системой «Onlinebank».

4.2. Выполнение Банком работ, указанных в п. 4.1. настоящего Договора, оформляется “Актом выполненных работ”, который является неотъемлемой частью настоящего Договора.

4.3. Прием Электронных документов Клиента производится Банком круглосуточно, включая выходные и праздничные дни. Исполнение полученных Электронных документов Клиента производится Банком с учетом п. 4.6 настоящего Договора.

4.4. Электронные документы Клиента принимаются Банком к исполнению только при их оформлении в соответствии с п.5.5 настоящего Договора и наличии Электронной цифровой подписи уполномоченного лица Клиента.

4.5. При представлении Клиентом в соответствии с настоящим Договором платежного Электронного документа по счету Клиента, открытому в Банке, на котором в данный операционный день Банка,

ОБРАЗЕЦ

мазкур маблағ барои иҷрои чунин Санади электронии пардохт мавҷуд набошад, Бонк Санади электронии Мизоҷро бе иҷро бармегардонад.

4.6. Рӯзи амалиётии Бонк аз соати 8:30 дақиқа то соати 16:00 дақиқа бо вақти Душанбе аз рӯзи душанбе то рӯзи ҷумъа, ба ғайр аз рӯзҳои ид, муқаррар карда мешавад. Санадҳои электронии Мизоҷ, ки аз тарафи Бонк то соати 15:00 дақиқа барои пардохтҳо бо асъори миллӣ ва хориҷӣ қабул шудаанд, дар ҳамон рӯзи амалиётӣ гузаронида мешаванд. Санадҳои пардохт, ки баъди вақти зикргардида қабул шудаанд, рӯзи амалиётии оянда гузаронида мешаванд (ба ғайр аз аризаҳо барои мубодила, ки ба Мизоҷ баргардонда мешаванд).

4.7. Бонк дар ҳолати пайдо шудани гумони таҳдиди дастрасии беиҷозат ба суратҳисобҳои Мизоҷ фавран қабули Санадҳои электронии Мизоҷро қатъ карда, дар ин бора ӯро хабардор мекунад. Инчунин, ҳангоми гирифтани огоҳии дахлдор аз Мизоҷ, ки мутобиқи б.5.3-и Шартномаи мазкур фиристода шудааст, то аниқ кардани ҳолатҳои ҳодисаи рухдода қабули Санадҳои электронии Мизоҷ қатъ карда мешавад. Таҳдиди дастрасии беиҷозат, дар баробари дигар ҳолатҳо, пайдо шудани Санади электронии осебдида ба шумор меравад.

4.8. Бонк бо дархости Мизоҷ, инчунин бо анҷоми мӯҳлати амали Сертификати электронӣ, барои шахси ваколатдори Мизоҷ Сертификати электронии нав тартиб дода, дар муддати 3 рӯзи корӣ ба Мизоҷ пешниҳод мекунад.

4.9. Бонк дар муддати 3 рӯзи корӣ аз лаҳзаи ворид шудани дархост аз Мизоҷ нусхаҳои тасдиқшудаи санадҳои пардохти барои Мизоҷ даркориро, ки бо истифода аз системаи «Onlinebank» гирифта шудаанд, пешниҳод мекунад.

4.10. Дар ҳолати ихтилофи бақияҳо дар суратҳисоби Мизоҷ байни иқтибоси коғазии аз ҷониби Бонк пешниҳодшуда ва иқтибоси электронии аз тарафи Мизоҷ тавассути системаи «Onlinebank» гирифташуда, Мизоҷ бояд иқтибоси коғазиро чун санади дуруст ба эътибор гирад. Барои ислоҳи иқтибоси электронӣ тавассути телефони дар б.4.12-и Шартномаи мазкур зикргардида ба Бонк мурочиат кардан лозим аст.

4.11. Бонк бо хоҳиши Мизоҷ дар бораи кор бо системаи «Onlinebank» тавассути телефони имдод - +992 (44) 601-40-65 машварат пешниҳод мекунад. Дар ҳолати ғайриимкон будани бартарафсозии мушкилоти дар системаи «Onlinebank» пайдошуда, Мизоҷ ва Бонк якҷоя мушкилро рафъ месозанд (бо мувофиқа кардани мӯҳлат ва вақт).

4.12. Дар ҳолати аз ҷониби Мизоҷ ба Бонк саривақт пардохт нашудани маблағи хизматҳои расонидашуда, тибқи фасли 6-и Шартномаи

отсутствует сумма денег, достаточная для исполнения такого платежного Электронного документа, Банк возвращает Электронный документ Клиента без исполнения.

4.6. Операционный день Банка устанавливается с 8 часов 30 минут до 16 часов 00 минут Душанбинского времени с понедельника по пятницу за исключением праздничных дней. Платежные Электронные документы Клиента, полученные Банком до 15 часов 00 мин. для платежей в национальной и иностранной валюте, проводятся тем же операционным днем. Платежные документы, полученные позже указанного времени, проводятся следующим операционным днем (за исключением заявлений на конвертацию, которые возвращаются Клиенту).

4.7. Банк немедленно прекращает прием Электронных документов Клиента и связывается с ним при возникновении подозрений на угрозу несанкционированного доступа к его счетам, а также в случае получения соответствующего уведомления от Клиента, направленного в соответствии с п. 5.3. настоящего Договора, до выяснения обстоятельств происшедшего. Угрозой несанкционированного доступа считается, наряду с прочим, появление поврежденного Электронного документа.

4.8. Банк по запросу Клиента, а также по истечении срока действия Электронного сертификата, формирует новый Электронный сертификат уполномоченному лицу Клиента и в течение 3-х рабочих дней передает их Клиенту.

4.9. Банк в течение 3-х рабочих дней с момента поступления заявки от Клиента предоставляет заверенные копии необходимых Клиенту платежных документов, полученных Банком с использованием системы «Onlinebank».

4.10. В случае расхождения остатков на счете Клиента между бумажной выпиской, предоставленной Банком, и электронной выпиской, полученной Клиентом по системе «Onlinebank», Клиент обязан ориентироваться на бумажную выписку как верную. Для исправления электронной выписки необходимо обратиться в Банк по телефонам, указанным в п. 4.12 настоящего Договора.

4.11. Банк предоставляет по просьбе Клиента консультацию по работе с системой «Onlinebank» по телефону поддержки - +992 (44) 601-40-65. В случае невозможности устранения возникших проблем с системой «Onlinebank» Клиент и Банк совместно устраняют проблему, согласовывая срок и время.

4.12. В случае несвоевременной выплаты Клиентом Банку оплаты за предоставленные услуги, в соответствии с разделом 6 настоящего Договора,

ОБРАЗЕЦ

мазкур, Бонк ҳақ дорад бо тартиби бе розигии иловагӣ ва бебаҳс мусодираи (ихроҷи) ҳамаи маблағҳои қарзи Мизоҷро бо асъори миллӣ ва/ё асъори хориҷӣ мувофиқи талаботи қонунгузории асъорӣ аз рӯи Шартнома бо ин усул амалӣ намояд: дебетикунонии бевоситаи суратҳисобҳои Мизоҷ дар Бонк дар асоси дастурҳои Бонк ё дигар ҳуҷҷатҳо, ки дар қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд. Агар муштарӣ ҳаққи хизматро дар муддати 3 моҳ напардозад, Бонк ҳуқуқ дорад яктарафа Шартномаро бекор кунад. Агар муштарӣ ҳаққи хизматро дар муддати 3 моҳ напардозад, Бонк ҳуқуқ дорад яктарафа Шартномаро бекор кунад.

4.13 Агар дар давоми 60 рӯзи тақвимӣ пас аз пешниҳоди бастаи пурраи ҳуҷҷатҳо барои қабули калиди рамзи мизоҷ ба бонк муроҷиат накарда бошад, калиди рамзи бекор карда мешавад ва шартнома яктарафа қатъ карда мешавад.

Дар баробари ин, ҳангоми нокифоя будани пул дар суратҳисоби бонкии Мизоҷ санади пардохти Бонк бояд ба маблағи дар он зикршуда иҷро карда шавад, вале барои мусодираи (ихроҷи) ҷамъи маблағҳои дар санади пардохти Бонк зикршуда, дар ҳолати нокифоя будан, ба суратҳисоби бонкии Мизоҷ нигоҳ дошта мешавад.

Дар ҳолати мусодираи (ихроҷи) бе розигии иловагии маблағҳо бо дигар асъор (нисбат ба асъори Қарздорӣ), мубодилаи мусодираи асъор ба асъори қарздорӣ бо интихоби Бонк, бо қурби аз ҷониби Бонк муайяншудаи фурӯш ё хариди асъори мусодирашуда ё асъори қарздорӣ сурат мегирад.

Дар ҳамин асос Мизоҷ бегуфтугӯ ва бебаҳс ба Бонк ҳуқуқ медиҳад, ки бе розигии иловагӣ маблағҳоро бо тартибу андозаи дар Шартномаи мазкур пешбинишуда мусодира намояд.

Банк вправе в безакцептном и бесспорном порядке производить изъятие (списание) в национальной и/или иностранной валюте с учетом требований валютного законодательства все суммы задолженности Клиента по Договору путем: прямого дебетования банковских счетов Клиента в Банке на основании распоряжений Банка или других документов, предусмотренных действующим законодательством Республики Таджикистан. В случае не оплаты клиентом комиссии за предоставленные услуги в течение 3 месяцев, Банк имеет право в одностороннем порядке расторгнуть Договор.

4.13. В случае если Клиент не обратился в Банк для получения ключевых носителей в течение 60 календарных дней после подачи полного пакета документа на подключение к системе, ключевой носитель обнуляется и договор расторгается в одностороннем порядке;

При этом при недостаточности денег на банковском счете Клиента платежный документ Банка должен быть исполнен на сумму денег, указанную в нем, а для изъятия (списания) всей суммы, указанной в платежном документе Банка – в случае недостаточности - храниться к банковскому счету Клиента.

В случае безакцептного изъятия (списания) суммы денег в иной (чем валюта Задолженности) валюте, конвертирование изъятых денег в валюту задолженности производится - по выбору Банка – по установленному Банком курсу продажи или покупки изъятой валюты или валюты задолженности.

Настоящим Клиент предоставляет Банку безусловное и бесспорное право безакцептного списания денег в порядке и размерах, предусмотренных настоящим Договором.

## 5. ӮҲДАДОРИҲОИ МИЗОҶ

5.1. Барои кор бо системаи «Onlinebank» Мизоҷ бояд шахси ваколатдорро бо таҷҳизоти техникӣ таъмин карда, дастрасиро ба Internet тавассути провайдер фароҳам намояд.

5.2. Мизоҷ Имзои рақамии электрониро, ки ҳангоми додани Санадҳои электронӣ дар байни Бонк ва Мизоҷ истифода мешавад ва дар Моддаи 3-и Шартномаи мазкур зикр шудааст, эътироф мекунад.

5.3. Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки дар бораи пайдо шудани таҳдиди дастрасии беиҷозат ба системаи «Onlinebank» дар ҳолатҳои зерин тавассути ҳамаи имкониятҳои дастрас фавран Бонкро огоҳ намояд:

## 5. ОБЯЗАТЕЛЬСТВА КЛИЕНТА

5.1. Для работы с системой «Onlinebank» Клиент обязан обеспечить уполномоченное лицо техническим оборудованием и выходом в Internet через провайдера.

5.2. Клиент признает Электронную цифровую подпись, используемую при передаче Электронных документов между Банком и Клиентом, указанную в Статье 3 настоящего Договора.

5.3. Клиент обязуется немедленно, любыми доступными способами, информировать Банк о возникновении угрозы несанкционированного доступа к системе «Onlinebank» в следующих случаях:

ОБРАЗЕЦ

– ифшои парол ё пайдо шудани гумон дар ифшои он;

– гум шудани ИРЭ;

– ҳамагуна ҷойивазкуниҳои кадрии дохилии Мизоҷ, ки ба шахсони ба истифодаи системаи «Onlinebank» алоқаманди Мизоҷ дахл дорад.

5.4. Шахси ваколатдори Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки гардонандаи калидро бо парол ҳифз карда, онро дар ҷои муътамад, ки дастрасии шахсони ваколатдорнабударо мустасно мекунад, нигоҳ дорад.

5.5. Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки Санадҳои электрониро мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон пур кунад. Ҳангоми зикр намудани таъиноти (ҷузъиёти) пардохт дар Санади электронии пардохт матни дахлдор набояд аз 400 аломат (бо ҳисоби фосилаҳо) зиёд бошад.

5.6. Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки системаи «Onlinebank»-ро танҳо дар таҷҳизоти аз ҷиҳати техникӣ коршоям истифода барад.

5.7. Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки дар муддати рӯзи бонкӣ на камтар ду ҷараёни тамосро дар системаи “Мизоҷи электронӣ” барои гирифтани маълумот оид ба суратҳисобҳои худ бо Бонк амалӣ намояд. Ҷараёни якум дар муддати 30 дақиқа баъди оғози рӯзи амалиётии Бонк сурат гирифта, ҷараёни дуюм на дертар аз 30 дақиқа то анҷоми рӯзи амалиётӣ анҷом дода мешавад.

5.8. Мизоҷ ҳақ надорад, ки Санадҳои электронии пардохтро такроран иҷро кунад. Санадҳои электронии пардохт, ки рақам, маблағ, сана, суратҳисоби ирсолкунанда ва суратҳисоби бенефитсиар, рамзи мушаххаси бонкии якхела доранд, санадҳои пардохти такрориҷро ба ҳисоб мераванд.

5.9. Дар ҳолати фиристодани санади пардохти такрориҷро Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки дар ҳамон рӯзи амалиётӣ дар ин бора Бонкро огоҳ намояд (тавассути телефон ё ирсоли огоҳии электронӣ). Санадҳои такрориҷро аз тарафи Бонк барои иҷро қабул намегарданд, огоҳӣ дар бораи баргардондани онҳо фиристода намешавад.

5.10. Мизоҷ ӯҳдадор мешавад, ки ҳаққи хизматрасониҳои Бонкро тибқи Шартномаи мазкур пардохт намояд.

5.11. Баҳсҳо ва ихтилофот, ки ҷой дошта метавонанд, рафти татбиқи муносибатҳои Замонатӣ, дар сурати ғайриимкон будани ҳалли бо роҳи гуфтушунид, бо тартиби судӣ дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд;

– разглашение пароля или подозрение в его разглашении;

– утеря ЭЦП;

– любые кадровые перестановки внутри Клиента, затрагивающие лиц, связанных с использованием Клиентом системы «Onlinebank».

5.4. Уполномоченное лицо Клиента обязуется защищать паролем носитель ключа и хранить его в надежном месте, исключающем доступ к ней неуполномоченных лиц.

5.5. Клиент обязуется заполнять Электронные документы в соответствии с действующим законодательством Республики Таджикистан. При указании Клиентом назначения (деталей) платежа в платежном Электронном документе соответствующий текст не должен превышать 400 символов (включая пробелы).

5.6. Клиент обязуется использовать систему «Onlinebank» только на технически исправном оборудовании.

5.7. Клиент обязан в течение банковского дня совершать не менее двух сеансов связи с Банком в системе «Электронный клиент» для получения информации по своим счетам. Первый сеанс производится в течение 30 мин. после начала операционного дня Банка, а второй - не позднее чем за 30 мин. до окончания операционного дня.

5.8. Клиент не имеет права дублировать платежные Электронные документы. Платежные Электронные документы, имеющие одинаковый номер, сумму, дату, счет отправителя и счет бенефициара, банковского идентификационного кода (БИК) считаются дублирующими платежными документами.

5.9. В случае отправки в Банк дублирующих платежных документов Клиент в тот же операционный день обязан предупредить об этом Банк (позвонить и отправить электронное сообщение). Дублирующие документы к исполнению Банком не принимаются, уведомление об их возврате Клиенту не направляется.

5.10. Клиент обязуется оплатить услуги Банка по настоящему Договору.

5.11. Предоставлять и обеспечить предоставление Банку, в т.ч. по первому письменному требованию Банка надлежащим образом оформленных согласий по персональным данным всех субъектов персональных данных.

С тарифами на оказываемые услуги Банка – «Ознакомлен» ______________

ОБРАЗЕЦ

## 6. ПАРДОХТ ТИБҚИ ШАРТНОМА

6.1. Мизоҷ, бо ҳисоби теъдоди Қарордодҳои электронӣ, арзиши насб ва таълими истифодаи системаи “Мизоҷи электронӣ”, пардохти ҳармоҳаи обуна барои истифодаи он, инчунин арзиши хизматҳои тибқи б.2.2-и Шартномаи мазкур расонидаи Бонкро мувофиқи тарофаҳои ҷории Бонк мепардозад.

6.2. Пардохт барои хизматҳои иловагии бо хоҳиши Мизоҷ аз ҷониби Бонк расонидашуда, ки дар б.4.11 зикр шудаанд, мувофиқи тарофаҳои ҷории Бонк ситонида мешавад.

## 7. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

7.1. Тарафҳо барои ифшои мазмуни Шартномаи мазкур ва ӯҳдадориҳои аз он ибтидогиранда ҷавобгар мебошанд.

7.2. Товони зарарҳо, аз ҷумла зарари воқеӣ, фоидаи аздастрафта, ки ба иллати ифшои парол ё додани Гардонандаи калидҳои барои имзои Санадҳои электронӣ истифодашаванда ба Тарафи сеюм, новобаста аз сабабҳо, ба зиммаи Тарафи ифшокунандаи маълумоти махфии зикршуда гузошта мешавад.

7.3. Барои тартибдиҳии дуруст ва маълумоти саҳеҳ, ки дар Санадҳои электронии Мизоҷ нигоҳ дошта мешаванд, Мизоҷ масъул аст.

7.4. Бонк барои иҷро/дурустии иҷрои санади пардохти Мизоҷ ҷавобгар нест, дар ҳолате, ки агар Мизоҷ, тибқи б.5.3-и Шартномаи мазкур, дар бораи таҳдиди дастрасии беиҷозат Бонкро сариваќт огоҳ накарда бошад.

7.5. Мизоҷ дар ҳаҷми пурра зарарҳои бо вайронкунии ӯҳдадориҳои базиммадоштаи ба б.5.7-и Шартномаи мазкур алоқамандро ҷуброн мекунад.

7.6. Дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номувофиқи Шартномаи мазкур, Тарафи гунаҳгор ба Тарафи дигар зарари воқеии расонидашударо дар ҳаҷми пурра ҷуброн мекунад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар б.7.5-и Шартномаи мазкур зикр шудаанд.

7.7. Дар ҳама ҳолат масъулияти Бонк аз рӯи Шартномаи мазкур танҳо ба андозаи зарари воқеӣ, ки бо ҳаракат/беҳаракатии Бонк ба Мизоҷ расонида шудааст, маҳдуд мешавад.

## 8. ҲОЛАТҲОИ ФОРС-МАЖОР

8.1. Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номувофиқи ӯҳдадориҳои Шартнома, ки дар

## 6. ОПЛАТА ПО ДОГОВОРУ

6.1. Клиент с учетом количества Электронных контрактов, оплачивает стоимость установки и обучения пользованием системы «Электронный клиент», ежемесячную абонентскую плату за ее использование, а также стоимость услуг, предоставленных Банком в соответствии с п. 2.2 настоящего Договора, согласно действующим тарифам Банка.

6.2. Плата за дополнительные услуги, предоставленные Банком по просьбе Клиента, указанные в п.4.11 взимается согласно действующим тарифам Банка.

## 7. ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СТОРОН

7.1. Стороны несут ответственность за разглашение содержания настоящего Договора и обязательств, из него вытекающих.

7.2. Возмещение убытков, включая реальный ущерб, упущенную выгоду, возникшие вследствие разглашения Стороной пароля или передачи, независимо от причин, третьим лицам Носителя ключей, используемых для подписания Электронных документов, возлагается на Сторону, разгласившую указанную конфиденциальную информацию.

7.3. Ответственность за правильность оформления и сведения, содержащиеся в Электронных документах Клиента, несет Клиент.

7.4. Банк не несет ответственность за исполнение / правильность исполнения платежного документа Клиента, в случае, если Клиент несвоевременно уведомил / не уведомил Банк в соответствии с п. 5.3 настоящего Договора об угрозе несанкционированного доступа.

7.5. Клиент возмещает Банку в полном объеме убытки, связанные с нарушением обязательства возложенного в соответствии с п. 5.7 настоящего Договора.

7.6. В случае неисполнения или ненадлежащего исполнения настоящего Договора, виновная Сторона возмещает другой Стороне причиненный реальный ущерб в полном размере, за исключением случаев, указанных в п. 7.5 настоящего Договора.

7.7. В любом случае ответственность Банка по настоящему Договору ограничивается только размером реального ущерба, причиненного Клиенту действиями/бездействием Банка.

## 8. ОБСТОЯТЕЛЬСТВА НЕПРЕОДОЛИМОЙ СИЛЫ

8.1. Стороны освобождаются от ответственности за неисполнение или ненадлежащее исполнение

ОБРАЗЕЦ

С тарифами на оказываемые услуги Банка – «Ознакомлен» ______________

ҳолатҳои форс-мажор ба миён омада бошанд, ҷавобгар нестанд.

8.2. Зери мафҳуми ҳолатҳои форс-мажор ҳолатҳое фаҳмида мешаванд, ки баъди имзои Шартнома дар натиҷаи ҳодисаҳои пешгӯинашаванда ва пешгиринашавандаи хусусияти фавқулода рӯй додаанд, ба мисли: ҷанг ва амалиётҳои ҷангӣ, офатҳои табиӣ ё дигар офатҳое, ки дар минтақаҳои расман чунин эътирофшуда рух медиҳанд, хомӯшкунии қувваи барқ, нуқсони таъминоти барномавӣ, амалҳои мақомоти қонунгузорӣ ва/ё ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, ки фаъолияти Тарафҳоро дар доираи Шартномаи мазкур, ки бевосита ба моҳияти Шартномаи мазкур дахл дорад, манъ ё маҳдуд мекунанд.

8.3. Тарафе, ки барои ӯ имконнопазирии иҷрои ӯҳдадориҳои Шартнома дар натиҷаи ҳолатҳои дар б.8.2 зикршуда эҷод шудааст, бояд бе таъхир дар ин бора Тарафи дигарро огоҳ кунад ва бо талаби аввалин ба Тарафи муқобил далелҳои тасдиқкунандаи расидан ва/ё қатъи чунин ҳолатҳоро пешниҳод кунад. Далели расидан ё давомнокии ҳолатҳои зикршуда (ба истисноӣ нуқсони таъминоти барномавӣ) метавонад санадҳои хаттии аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор додашуда бошад.

8.4. Дар ҳолатҳое, ки дар бандҳои 8.1-8.3-и Шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, мӯҳлати иҷрои ӯҳдадориҳои Шартнома мувофиқи муддате, ки дар давоми он чунин ҳолатҳо ва оқибатҳои онҳо ҷараён доранд, ба таъхир гузошта мешавад.

## 9. ТАЛАБОТҲОИ АЛОҲИДАИ ШАРТНОМА

9.1. Шартнома дар ҳолати тағири қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми муносибатҳои бо Шартномаи мазкур танзимшаванда бозбинӣ карда мешавад.

9.2. Шартномаи мазкур қисми ҷудонашавандаи шартномае мебошад, ки тибқи он дар Бонк ба Мизоҷ суратҳисобҳои ҷории бонкӣ кушода шудаанд.

9.3. Аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани Шартномаи мазкур ҳамаи Шартномаҳои пештар дар байни Бонк ва Мизоҷ басташуда ҷиҳати хизматрасонӣ бо истифода аз системаи «Onlinebank» амали худро қатъ мекунанд, агар бо созишномаи Тарафҳо ҷиҳатҳои дигар муқаррар нашуда бошанд, ба истисноӣ ӯҳдадориҳое, ки дар доираи Шартномаҳои пештар басташуда иҷро нагардидаанд.

обязательств по Договору, если неисполнение или ненадлежащее исполнение явилось следствием обстоятельств непреодолимой силы.

8.2. Под обстоятельствами непреодолимой силы Стороны понимают обстоятельства, которые возникли после подписания Договора в результате непредвиденных и неотвратимых событий чрезвычайного характера, таких как: война и военные действия, стихийные или иные бедствия, происходящие в районах, официально признанных таковыми, отключение электроэнергии, сбои программного обеспечения, действия органов законодательной и/или исполнительной власти Республики Таджикистан, Национального Банка Таджикистана запрещающих или ограничивающих деятельность Сторон в рамках настоящего Договора, непосредственно относящиеся к предмету настоящего Договора.

8.3. Сторона, для которой создалась невозможность исполнения обязательств по Договору вследствие обстоятельств, указанных в п.8.2, должна без промедления известить другую Сторону об этом и по первому требованию предоставить противоположной Стороне доказательства, подтверждающие наступление и/или прекращение таких обстоятельств. Доказательством наступления и продолжительности указанных обстоятельств (за исключением сбоев программного обеспечения) служат письменные документы, выданные компетентными органами.

8.4. В случаях, предусмотренных пунктами 8.1-8.3 настоящего Договора, срок исполнения обязательств по Договору отодвигается соразмерно времени, в течение которого действуют такие обстоятельства и их последствия.

## 9. ОСОБЫЕ УСЛОВИЯ ДОГОВОРА

9.1. Договор подлежит пересмотру в случае изменения законодательства Республики Таджикистан в части отношений, регулируемых настоящим Договором.

9.2. Настоящий Договор является неотъемлемой частью договора, в соответствии с которым Клиенту открыты текущие банковские счета в Банке.

9.3. С момента вступления в силу настоящего Договора, все ранее заключенные между Банком и Клиентом Договоры на обслуживание с использованием системы «Onlinebank» прекращают свое действие, если иное не установлено соглашением Сторон, за исключением обязательств, неисполненных в рамках ранее заключенных Договоров.

9.4. Условия предоставления дополнительных услуг в системе “Onlinebank”, не указанных в настоящем Договоре, должны быть оговорены в



ОБРАЗЕЦ

9.4. Шартҳои расонидани хизматҳои иловагӣ дар системаи “Onlinebank”, ки дар Шартномаи мазкур қайд нашудаанд, бояд дар созишномаи иловагӣ, ки қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ҳисобида мешавад, зикр карда шаванд.

## 10. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

10.1. Масъалаҳое, ки дар Шартномаи мазкур танзим нашудаанд, вале аз он ибтидо мегиранд ё бо он алоқаманданд, бо қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

10.2. Баҳсҳое, ки ба сабаби иҷрои Шартномаи мазкур пайдо мешаванд, аз сӯи Тарафҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

10.3. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушунид ба мувофиқа нарасидан дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ, баҳсҳо, бо ташаббуси Тарафи манфиатдор, бо тартиби дар қонунгузории ҷории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда дар суд баррасӣ карда мешаванд.

## 11. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА

11.1. Шартнома аз лаҳзаи имзо шудан аз сӯи Тарафҳо мавриди амал қарор мегирад.

11.2. Шартнома амали худро ҳангоми анҷоми ҳисоббаробаркуниҳои дутарафа дар ҳолатҳои зерин қатъ мекунад:

- бо ҳамаи асосҳо бастани суратҳисоб(ҳо)и бонкӣ, ки амалиётҳо тавассути он(ҳо) бо истифода аз системаи “Мизоҷи электронӣ” сурат мегирифт;
- бо қарори Тарафҳо;
- ҳангоми бо тартиби яктарафа бекор кардан бо огоҳкунии хаттии пешакии Тарафи дигар на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ то санаи бекоркунии пешбинишуда.

11.3. Ҳамаи тағироти Шартномаи мазкур ё иловаҳо ба он танҳо дар ҳолате қобили қабул дониста мешаванд, ки агар онҳо дар шакли хаттӣ тартиб дода шуда, аз ҷониби намояндагони ваколатдори тарафҳо имзо шуда бошанд.

11.4. Шартномаи мазкур дар ду нусха, якнусхаӣ барои ҳар як Тараф, тартиб дода шуда, ҳарду нусха қувваи баробари қонунӣ доранд.

дополнительном соглашении, являющемся неотъемлемой частью настоящего Договора.

## 10. РАЗРЕШЕНИЕ СПОРОВ

10.1. Вопросы, не урегулированные настоящим Договором, но вытекающие из него или связанные с ним, регулируются действующим законодательством Республики Таджикистан.

10.2. Споры, возникающие в связи с исполнением настоящего Договора, разрешаются Сторонами путем переговоров.

10.3. При не достижении согласия путем переговоров в течение 10 (Десяти) рабочих дней, споры, по инициативе заинтересованной Стороны рассматриваются в суде в порядке, предусмотренном действующим процессуальным законодательством Республики Таджикистан.

## 11. СРОК ДЕЙСТВИЯ ДОГОВОРА

11.1. Договор вступает в силу с момента его подписания обеими Сторонами.

11.2. Договор прекращает свое действие при условии завершения взаиморасчетов в следующих случаях:

- закрытие по любым основаниям банковского (-их) счета (-ов), операции по которому (-ым) производились с использованием системы “Электронный клиент”;
- обоюдном решении Сторон;
- при расторжении в одностороннем порядке, с предварительным письменным уведомлением другой Стороны не менее чем за 10 (Десять) календарных дней до предполагаемой даты расторжения.

11.3. Все изменения настоящего Договора либо дополнения к нему, действительны только в том случае, если они совершены в письменной форме и подписаны уполномоченными представителями сторон.

11.4. Настоящий Договор составлен в двух экземплярах, по одному экземпляру для каждой Стороны, причём оба экземпляра Договора имеют равную юридическую силу.

ОБРАЗЕЦ

С тарифами на оказываемые услуги Банка – «Ознакомлен» ______________

## 12. МАКОНИ ҶОЙГИРШАВӢ, РЕКВИЗИТҲО ВА ИМЗОИ ТАРАФҲО

**«БОНК»**

ҶСП «Халық Бонк Тоҷикистон»
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
734012, кӯч. С. Айнӣ, 24 "А",
С\М бо сомонӣ – 20402972517791
С\М бо доллари ИМА – 20602840517791
Дар Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
РМБ 350101779, РМА 020025471.

**Сардори Идораи Амалиётии**
**(Номи пурра) ____________________**
**Ҷ.М.**

**«МИЗОҶ»**
(Номи корхона)
Ҷумхурии Тоҷикистон, (суроға)

с/ч: – Сомони
с/а: – Доллари ИМА
с/а: – Рубли руси

РМА:

Роҳбар
____________________ (Номи пурра)
ҷ.м.

## 12. МЕСТА НАХОЖДЕНИЯ, РЕКВИЗИТЫ И ПОДПИСИ СТОРОН

**«БАНК»**

ЗАО «Халык банк Таджикистан»
Республика Таджикистан, г. Душанбе,
734012, ул. С. Айни, 24 "А",
К\С в сомони – 20402972517791
К\С в долларах США – 20602840517791
В Национальном Банке Республики Таджикистан
БИК 350101779, ИНН 020025471

**Начальник Операционного Управления**
**(ФИО) ______________________**
**М.П.**

**«КЛИЕНТ»**
(Наимен. компании)
Республика Таджикистан, (Адрес)

р/сч: – Сомони
в/сч: – Доллары США
в/сч: – Российские рубли

ИНН:

Директор
____________________ (ФИО)
м.п.

С тарифами на оказываемые услуги Банка – «Ознакомлен» ______________

ОБРАЗЕЦ

ОБРАЗЕЦ

С тарифами на оказываемые услуги Банка – «Ознакомлен» _____________